**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**_________________ Хайрзода Ш.Қ.**
**«_____»___________ 2021 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад таҳқиқоти илмии ба пуррагӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи номзадии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад ба яке аз мавзӯҳои мубрами илм, амалия ва қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Мубрамияти мавзӯъ бо як чанд омилҳо аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст:

1. Барои муттаҳид намудани нерӯ ва моликияти худ дар замони мусоир соҳибкорон ҳамчун шакли ҳалли масъалаҳои муштарак шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)-ро истифода мебаранд. Шартномаи фаъолияти якҷоя воситаи универсалӣ аст, ки имкон медиҳад ҳам дар соҳаи муомилоти гражданӣ ва ҳам дар соҳаи соҳибкорӣ татбиқ карда шавад,

инчунин, барои ҳалли вазифаҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддат нигаронида шудааст.

2. Яке аз ҳадафҳои асосии ташкили ширкати одӣ, ба даст овардани фоида аст. Фоидае, ки шарикон дар натиҷаи фаъолияти якҷоя ба даст меоваранд, мутаносибан, ба арзиши саҳмияҳои шарикон дар ширкати умум тақсим карда мешавад, агар дар шартномаи фаъолияти якҷоя ё дигар шартномаи шарикон тартиби дигар дарҷ нашуда бошад. Хусусияти фарқкунанда дар ин ҳолат таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ – ширкати одӣ - бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба гирифтани фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст, дар ҳоле ки ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ шахсони ҳуқуқии мустақил мебошанд. Дар сурати бастани шартномаи фаъолияти якҷоя ба иштирокчиёни он зарур нест, ки шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд, вақт, хароҷоти ташкилӣ ва молиявии марбут ба сабти ном ва бақайдгирии минбаъдаро ба уҳда гиранд.

3. Яке аз шартномаҳои маъмултарин, ҳамзамон яке аз шартномаҳои аз ҷиҳати табиати хуқуқӣ хеле мураккаб мебошад. Бо вуҷуди пурра танзимшаванда ба назар расидани шартномаи фаъолияти якҷоя (институти ширкати одӣ) меъёрҳои қонунгузории амалкунанда на ҳамеша ба мо имкон медиҳанд, ки проблемаҳои амалия, дар ҷараёни фаъолияти якҷояи шарикон бамиён ояндаро, ҳал намоем. Ба проблемаҳои ҷойдошта инҳо дохил мешаванд: роҳ додани шарикон ба иштибоҳҳои сершумор ва ногузир дар баҳисобгирии фаъолияти муштарак дар мавриди риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ; аксар вақт баррасии маҳдуди мавзӯи шартнома ва дар асоси он ба роҳ мондани иҷрои корҳо, хизматрасониҳо, расонидани кумаки ройгон ё пардохтани ҷуброн, таъминоти мол ё маҳсулот; таснифоти шартномаи ширкати одӣ; муносибати байниҳамдигарии иштирокчиёни пешбари корҳои муштарак бо шарикони дигар; тақсимоти амволи умумии шарикон пас аз қатъи шартнома; таносуби шартномаи ширкати одӣ бо дигар шартномаҳои ҳаммонанд, ки барои мақсадҳои андозбандӣ махсусан муҳим аст: шартномаи ҳамкорӣ,

шартномаи маблағгузории муштарак, шартномаи таъсисӣ; тартиби бекор кардани шартномаи шарикии одӣ.

Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи 2 боб ва 6 зербоб моҳияти мавӯзи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.

Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Таъминоти ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)» масъалаҳои бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя, муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд ва таҳқиқи муқоисавӣ – ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқаманд зери таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Табиати ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)» ном дорад, муаллиф масъалаҳои мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷоя, ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя ва асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъи шартномаи фаъолияти якҷояро таҳлил намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия дар асоси муносибати бонизом таҳқиқи ҳаматарафаи масъалаҳои шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ гузаронида шудааст ва барои такмили қонунгузории амалкунанда дар ин соҳа пешниҳодҳои судманд карда шудааст.

Нававарии диссертасия дар он аст, ки танзими ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ маҷмӯан дар илми ватанӣ то ҳол тадқиқи худро наёфтааст. Ҳамзамон дар давраи муосири танзими шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ талабот ба гузаронидани таҳқиқи маҷмӯии масоили асосӣ, аз ҷумла дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои нави хориҷии доктриналӣ, ки таҳлилашон дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ҳоло гузаронида нашудааст, ба вуҷуд меояд. Диссертасияи мазкур дар илми ватанӣ аввалин пажӯиши илмӣ дар бораи шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ мебошад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи граждании ва соҳибкорӣ, қонунгузории ин соҳаҳо мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин, таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ саҳми муайяне дорад, чунки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот афзоиши донишҳо оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ ба мушоҳида расид. Хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи дастуроти назариявӣ ва амалӣ, баҳри такмил додани танзими ҳуқуқи муносиботи ҷамъиятӣ, дар раванди фаъолияти якҷоя истифода бурда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз имконоти истифодаи натиҷаи пажӯҳиши мавзӯъ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо нисбати масъалаи мавриди таҳқиқ дар раванди таълим, аз ҷумла, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ аз ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар амалияи танзими ҳуқуқии фаъолияти якҷоя иборат аст.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва автореферати диссертатсия пешниҳод мешаванд:**

1. Дар навгонии илмии якуми худ муаллифи диссертатсия дарҷ менамояд, ки: “Яке аз ҷанбаҳои асосии амалӣ ва ҳуқуқии марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя мақсадест, ки баҳри он субъектҳои хоҷагидорӣ ба ширкати одӣ муттаҳид мешаванд. Маҳз ин хусусият мақсади таъсиси ширкати одиро аз ҳама гуна воситаҳои дигари якҷоякунии амвол, амонатҳо ва ғайра фарқ мекунонад. Мақсадҳои зерини умумии шариконро ҷудо кардан мумкин аст: а) фаъолияти соҳибкорӣ; б) фаъолияти сармоягузорӣ; в) мақсадҳои ғайритиҷоратӣ. Аммо ба андешаи мо фаъолияти сармоягузорӣ як намуди фаъолияти соҳибкорӣ буда, зарурати ҷудо намудани онҳо аз якдигар ҷой надорад.

2. Муаллиф дар саҳифаи 32 диссертатсия қайд намудааст, ки “Дар заминаи таҳлили муқаррароти КГ ҶШС Тоҷикистон соли 1963 бастани шартномаи фаъолияти якҷояи хоҷагӣ байни шаҳрвандон ва ташкилотҳои сотсиалистӣ манъ карда шуда буд, ба андешаи мо ду намуди шартномаи фаъолияти якҷоя бо қонунгузорӣ иҷозат дода шуда буд: шартномаи фаъолияти якҷоя танҳо байни шаҳрвандон ва шартномаи фаъолияти якҷоя танҳо байни ташкилотҳои сотсиалистӣ”. Аммо минбаъд сабабҳои манъ кардани бастани шартномаи фаъолияти якҷояи хоҷагӣ байни шаҳрвандон ва ташкилотҳои сотсиалистиро шаҳр надодааст. Аз ин рӯ, дар рӯзи ҳимоя шунидани андешаи муаллиф оид ба ин масъаларо ба мақсад мувофиқ мешуморем.

3. Муаллифи дисертатсия иброз менамояд, ки: “Тартиби идоракунӣ ва пешбурди корҳо аз КГ ҶТ дар аксари давлатҳои хориҷӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Наздиктарин ба муқаррароти КГ ҶТ аз нуқтаи назари танзими ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя КГ ФР, КГ ҶБ ва КГ ҶА аст”. Пас саволе бавуҷуд меояд, ки алоқамандии қонунгузории Тоҷикистон бо давлатҳои зикршуда дар чи ифода меёбад?

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Воҳидзода Зеваршоҳ

Гулаҳмад мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тавре маълум гардид Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият мекунад. Чунин фаъолияти унвонҷӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллифи 13 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Муаллиф солҳои 2016-2021 дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Ҳамчунин омӯзиш ва мутолиаи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ дар риштаи ҳуқуқу иқтисодиёт, ки ба мавзӯи шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ доранд, манфиатбахш мебошад. Умуман диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад ба талаботи банди 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат намуда, таҳқиқоти илмӣ тахассусе мебошад, ки ба рушди илми ҳуқуқи граждании ва соҳибкорӣ аҳаммият дошта, дар роҳи ҳал ва коркарди навъи илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки ба рушди кишвар мубрам мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда,

боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи соҳибкорӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷиҳатҳои инноватсионии таҳқиқоти анҷом дода дар он аст, ки ба қонуниятҳои таҳлили илмӣ ва услуби хосса асосёфта, шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ, унсурҳои асосии онро ифода мекунад. Дар таърихи илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаи муҳими дониши назариявӣ ва амалӣ оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ мебошад.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо назардошти бандҳои 78-85-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ № 1 аз 24.08.2021.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Бобоев Ҷ.Қ. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,

молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра № 1 аз 26.08.2021.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,**
**молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев С.А.**

**Ташхисгар,**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,**
**молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Бобоев Ҷ.Қ.**

**Котиби ҷаласа,**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва**
**зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Оралбаев Х.Х.**

Имзои Мирзоев С.А., Бобоев Ҷ.Қ., Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Раҷабов Б.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
Тел.: (992) 231-08-43; (992) 227-30-75; Факс: (99237) 231-02-01,
E – mail: sh. hayrzoda@tgfeu.tj, Сомона: http//tgfeu@tgfeu.tg